Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ ба ихтисос ва самти илм мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар раванди амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон такмил додани асосҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти дастовардҳои илмӣ ва амалияи муқовимат ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ пайваста роҳандозӣ гашта истодааст. Такмил додани қонунгузории миллӣ оид ба баамалбарории адолати судӣ, амалияи судии татбиқи ҳуқуқ аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад, ки мақсади он аз таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахс, ҳифзи судии ҳуқуқу озодиҳои иносон ва шаҳрванд, ҳамчунин таъмини сифати татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардидани онҳо иборат мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нақш ва мақоми ҳокимияти судӣ дар ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба таҳкими қонуният ва адолат дар давлат доимо таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Аз ҷумла таъкид мекунанд, ки “бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад”.

Сарфи назар аз натиҷаҳои муайяни мусбати ислоҳоти судӣ, мушилоти татбиқ, норасоии танзими ҳуқуқӣ, баҳсу мунозираҳо дар атрофи масоили

муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд ва баъзе аз муҳимтарин ғояҳои ҳуқуқӣ то ҳанӯз аз ҷиҳати назариявӣ дуруст таҳия нашуда, дар амал татбиқ нагардидаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муфассали назариявӣ, меъёрӣ ва амалии татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад. Тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ амри зарурӣ ва мутобиқ ба амалигардонии сиёсти давлатӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмӣ дорад, чунки дар доираи он бори аввал дар илми назариявии мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди тадқиқоти илмӣ қарор шудааст.

Дар диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. муаммоҳои муосири амалӣ шудани қоидаҳои мурофиаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ бо назардошти ғояҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2021- 2030) таҳлил шуда, ба чараёни татбиқи онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Дар асоси таҳқиқот маҷмӯи афкори нави илмӣ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллифӣ дар бораи низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, алоқамандии онҳо бо асосҳои конститутсионии адолати судӣ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ҳифзи судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад.

Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз

се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби мазкур ба – «Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ» бахшида мешавад. Дар натиҷаи тадқиқоти сарчашмаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки қоидаҳои мурофиаи судӣ марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун тобиши нав гирифтаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо тағйир ёфтааст, лекин онҳо аҳаммият ва мубрамияти худро дар роҳи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ собит кардаанд. Ин қоидаҳои мурофиавӣ арзиши маънавию иҷтимоии худро нигоҳ дошта, то ҳануз бо мазмуну моҳияти аслии худ арзи вуҷуд мекунанд ва ҳамчун осори ниёгони мо, на танҳо аҳаммияти таърихиву ҳуқуқӣ доранд, балки ҷузъи таркибии фарҳангиву маънавии миллии моро дар соҳаи адолати судӣ таҷассум мекунанд (саҳ.41).

Бо таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ муаллиф муқаррароти «муҳокимаи судӣ», «маҷлиси судӣ», «баррасии судӣ», «дида баромадан ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ», «мурофиаи судии парвандаи ҷиноятро» мавриди муҳокима қарор дода ба хулоса омадааст, ки аз рӯйи мазмун ва дар сатҳи меъёрӣ «муҳокимаи судӣ» қисми марказии мурофиаи ҷиноятӣ ва ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ эътироф мешавад. Ба андешаи муаллиф, дар таркиби мурофиаи судии ҷиноятӣ «муҳокимаи судӣ» марҳилаи мустақил ва марказии он буда, маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятии судӣ, тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя, инчунин иштирокчиёни мурофиаи судиро дар бар мегирад, ки дар раванди он тибқи қоида ва шартҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани ҷиноят ба миён омадаанд, ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қабули санади судӣ ҳалли асоснок ва одилонаи худро меёбанд (саҳ.45).

Дар зербоби дуюми боби якум – «Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», муаллиф бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ, инчунин сарчашмаҳои ҳуқуқӣ асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судиро мавриди таҳлил қарор додааст.

Муаллиф ибрози андеша дорад, ки дар давоми солҳои истиқлолият давлатии Тоҷикистон баробари пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа асосҳои конститутсионии адолати судӣ тавассути сиёсати ҳуқуқии давлат пайваста такмил дода шуд. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 натиҷаи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ба шумор

рафта, ислоҳот на танҳо рушди институтҳои давлатиро ба танзим даровარданд, балки ба таври назаррас кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақвият дода, самаранокии ҳимояи судии онҳоро боло бурд (саҳ.50). Тибқи асосҳои конститутсионӣ ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, таъиноти давлат, уҳдадории давлат вобаста ба таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардид, ки вобаста ба талаботи замони муосир бояд пайваста рушд ёбад.

Ба андешаҳои муаллиф, асосҳои конститутсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таҳкурсии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар танзими муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар мазмуну талаботи мурофиавӣ таҷассум мекунанд. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конститутсионии адолати судӣ шароит барпо менамояд (саҳ.54).

Зербоби сеюми боби якум – «Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот бо маҳорати баланди илмӣ бештар услубҳои таҳлили ҳуқуқии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хронология ва абстраксияро истифода бурда, муайян кардааст, ки дар баробари хусусиятҳои хоси худ, умумият ва ягонагии мафҳумҳои «муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ» ва «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» “баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ”дар он зоҳир мегардад, ки онҳо салоҳияти истисноии мақомоти ҳокимияти судиро инъикос намуда, таҷассуми кафолати ҳимояи судии инсон ва шаҳрванд аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ мебошад, ки бо принсипҳои конститутсионии адолати судӣ таъмин мешавад. Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф ба хулоса омадааст, ки «марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ» гуфта, қисмҳои таркибии нисбатан мустақил, лекин бо ҳам алоқаманди фаъолияти мурофиаи ҷиноятиро меноманд, ки аз ҳамдигар бо пайдарҳамӣ, вазифаҳои муайян, доираи иштирокчиёни мурофиа, муносибатҳои ҳуқуқӣ, амалҳои мурофиавӣ, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ, инчунин бо тартиби расмиёти натиҷаи амалҳои мурофиавӣ фарқ мекунанд (саҳ.72).

Дар баробари ин, диссертант пешбарӣ мекунад, ки ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, на танҳо дар марҳилаҳои судӣ (маҷлиси суди марҳилаи аввал оид ба

моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав), балки дар марҳилаҳои тосудӣ, ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар маҷлиси судӣ бо иштироки тарафҳо аз ҷониби суд мустақилона ва вобаста ба ногузирии муваққатан маҳдуд шудани ҳуқуқу озодии шахс ҳал карда шаванд, ки ин татбиқи талаботи м.м. 19, 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва м.м. 20-22, 277 КМҶ ҶТ-ро таъмин мекунад. Пешниҳод мешавад, ки бо мақсади таҳкими ҳокимияти судӣ, фаъолияти самараноки мақомоти судӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, кафолати дастрас гардидани адолати судӣ ба ҳар як шахс, ҳифзи судии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, донишу таҷриба ва масъулиятнокии онҳо ислоҳоти судию ҳуқуқӣ бояд идома ёбад (саҳ.75).

Боби дуюми диссертатсия – «Ташаккулёбӣ, моҳият, аҳаммият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур –
«Заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ», иброз мешавад, ки вобаста ба марҳилаҳои таърихии рушди ҳаёти ҷомеа пайдоиш ва ташаккулёбии қоидаву шартҳои баргузории мурофиа дар ҳаёти мардуми кишварамон чунин давраҳоро аз сар гузаронидааст: 1) давраи қабиладории авлодӣ (урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳои авлодӣ); 2) давраи ташаккули мурофиаи замони зардуштӣ; 3) давраи амали мурофиаи шариатӣ; 4) инкишофи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи тошуравӣ-империявӣ; 5) қоидаҳои мурофиаи ҷиноятии давраи шуравӣ; 6) ислоҳоти мурофиаи ҷиноятии замони муосир (саҳ.86).

Даврабандии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба таҳқиқоти илмӣ оид ба асосҳои таърихӣ, ҳуқуқии рушди қоидаҳои баргузории мурофиаи судӣ аҳаммиятдошта, мусоидат карда, сохтори таркибии мавзуи таҳқиқот ва самти онро муфассал ва муттаҳид менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» номгузорӣ гардидааст. Дар зербоби мазкур шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҷузъ ва ё сохторҳои таркибии алоҳида (аз рӯйи пайдарҳамӣ, павастагӣ, нишона, сифат, хусусият, аҳаммият, таркиб, мазмун ва ғ.), ба аҳаммият ва алоқамандии онҳо дар ягонагӣ баҳо дода шудааст. Муайян шудааст, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мафҳуми

бисёрҷабҳа буда, фарогири якчанд талаботи меъёрӣ аст: аз ҷамъи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ иборатанд; қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро қонун муқаррар карда, риоя ва иҷрои онро барои тамоми иштирокчиёни мурофиа талаботи ҳатмӣ медонад; онҳо бо мақсади танзими муносибатҳои мурофиавии суд ва иштирокчиёни маҷлиси судӣ ҷорӣ шудаанд; мазмуни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро доираи салоҳияти суд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни маҷлиси судӣ ташкил додааст; муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар сурати ҷой доштан ё ошкор шудани ҳолатҳои воқеӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбад ё қатъ мешаванд (саҳ.92).

Аз ҳамин нуқтаи назар, муаллиф хулоса кардааст, ки мазмун ва моҳияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, ки тартиби иҷрои амалҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавиро дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар кардааст. Ба назари муаллиф, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳамчун муқаррароти мурофиавӣ, пеш аз ҳама, шароиту муҳити муносиб ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷаи баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ инсон ва шаҳрванд беасос, ноодилона айбдор ва маҳкум нашаванд, кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъмин гардад, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно карда шавад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳкум намудани шахси бегуноҳ, ӯ бетаъхир сафед карда шавад.Маҳдуд намудани доираи амали шартҳои умумӣ танҳо ба баррасии моҳиятии парвандаи ҷиноятӣ ё «маҷлиси асосии судӣ» аз нигоҳи назариявӣ дуруст нест. Қонунгузорӣ талаботи марбут ба муҳокимаи судиро дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд ва маҳз ҳамин фарогирӣ ба онҳо хусусияти «умумӣ» мебахшад (саҳ.96).

Зербоби сеюми боби дуюм ба – «Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ» бахшида шуда, дар натиҷаи таҳлил муайян шудааст шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ мешаванд, аз принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар амал татбиқ гаштани на танҳо қонуни ҷиноятӣ, балки татбиқ гаштани санадҳои дигари меъёрӣ ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, таъмин менамоянд. Пешниҳод шудааст, ки вазифаи «ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд», на танҳо барои суд муқаррар шудааст, балки

ин вазифа ҳалли одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ талаб мекунад. Аз ҷумла, дар марҳилаҳои тосудӣ муайян кардани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, эълони айб, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ ва масъалаҳои дигари мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ низ ба миён меоянд, ки мавзуи муҳокимаи маҷлиси судиро ташкил дода, ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи онҳо ногузир ва ҳатмӣ аст. Талаботи ҳалли одилона бояд дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя ва иҷро гардад, он на танҳо ба мақомоти судӣ ва на танҳо дар баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дахл дорад, балки нисбати ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва нисбати ҳар як амал ва ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ паҳн мегардад (саҳ.128).

Боби сеюми рисола - «Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва таснифи онҳо» - аз чаҳор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм ба «Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлил дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ бори аввал бо назардошти сохтори таркибии фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ (марҳилаҳои он) шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста *ба доираи* амалишавии онҳо ба се гурӯҳ ҷудо карда шудааст: **а)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ. Хусусан, ҳангоми баргузории маҷлиси суд оид ба гирифтани иҷозат ба пешбурди амали тафтишотӣ (м.35-2 КМҶ ҶТ). Ба ин гурӯҳ шартҳои зерин дохил шудаанд: муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ; муҳокимаи ошкоро ва пӯшида; риояи тартиби баровардани таъинот ва қарорҳои судӣ, расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ дохил мешаванд. **б)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар марҳилаи асосӣ - муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ зимни моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал. Дар марҳилаи марказӣ ва асосии мурофиа тамоми шартҳои дар боби 32 КМҶ ҶТ номбаршуда амал мекунанд. **в)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми баргузории маҷлиси суд дар марҳилаҳои истисноии мурофиаи ҷиноятӣ (саҳ.134).

Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста *ба мавзуи муҳокимаи судӣ* ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд: **1)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ зимни баргузории маҷлиси судӣ оид ба баррасии масъалаҳои мурофиавӣ, ки мавзуи муҳокима ё баррасии судро ногузирии маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, пешбурди чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м.35-1 КМҶ

ҶТ) ё амали тафтишотӣ (м.35-2 КМҶ ҶТ) ташкил медиҳанд. **2)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ ҳангоми дар суди марҳилаи аввал баррасӣ шудани масъалаҳои асосии мурофиавӣ, ки *мавзуи* маркази муҳокима ё баррасии судиро гунаҳгор ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ташкил медиҳад ва натиҷаи он дар ҳукм ифода меёбад. **3)** шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар суди марҳилаҳои истисноӣ, ки *мавзуи* муҳокима ё баррасии судиро қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм ва санадҳои дигари судӣ ташкил медиҳад. Пешниҳод мешавад, ки тобеияти судии правандаҳои ҷиноятӣ бояд дар низоми шртҳои умумии муҳокимаи судии парандаҳои ҷиноятӣ қарор дода шавад (саҳ.144). Аз назари муаллиф шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста ба аҳаммияти таъсиррасонии онҳо ба муносибатҳои мурофиавӣ ва раванди баргузории маҷлиси суд ба ду гурӯҳ ҷудо карда шаванд: 1. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти диспозитивӣ доранд (имконияти суд, судя оид ба мавқуф гузоштан ва боздоштани муҳокимаи судӣ; баррасии арзу дархост; баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ; қатъ кардани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ; ҳалли масъалаи чораи пешгирӣ; қабули қарори мурофиавӣ). Хусусияти диспозитивии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мешавад, ки амалишавии онҳо аз салоҳдиди суд, судя (дар доираи салоҳияти истисноии суд) вобаста мешавад. 2. Шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки хусусияти императивӣ доранд (муҳокимаи бевосита ва шифоҳии судӣ; муҳокимаи ошкорои судӣ; тағйирнопазирии ҳайати суд ҳангоми муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ; баробарҳуқуқии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ; тартибот дар маҷлиси суд; тобеияти судии парвандаҳои ҷиноятӣ; ҳадди муҳокимаи судӣ; расмиёти муҳокимаи судӣ). Хусусияти императивии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки амалишавии онҳо аз ҷониби тамоми иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҳатмӣ аст (саҳ.151).

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Низоми муқарраршудаи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ моҳияти расмию ҳуқуқӣ дошта, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муайяни талабот ва кафолати мурофиавӣ дар қонун пешбинӣ шуда, ба рафтори иштирокчиёни мурофиаи судӣ таъсир расонида, ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ *шароит* муҳайё месозад. Ваколати суд оид ба таҳқиқи бевоситаи далелҳо бо ваколати муфаттиш, прокурор ва ё таҳқиқбаранда оид ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳӣ ба далелҳо монанд ва вобаста нест. Суд на танҳо ба далелҳои ҷамъовардашуда ва ҳолатҳои муайяншуда, инчунин ба риоя ва иҷро шудани қонун ҳангоми

ҷамъоварии далелҳо ва исботи ҳолатҳои содиршудани ҷиноят мустақилона, новобаста аз хулосаи таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ё ҳимоятгар баҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Муҳокимаи бевоситаи судӣ мустақилияти судро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз мавқеи тарафҳо бояд тақвият бахшад (саҳ.159).

Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судиро доираи ваколатҳо, ҳадди муайяни рафтор, имконият ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, қоидаҳои мурофиавии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил додааст. Аз ин назар асоснок шудааст, ки «муҳокимаи бевосита ва шифоҳӣ» мазмуни нисбатан васеъ дошта, он аз принсипҳои адолати судӣ сарчашма гирифтааст, лекин танҳо бо «тафтиши далелҳо» маҳдуд намешавад, балки амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро фаро мегирад, то ки далелҳои аз рӯйи парванда ҷамъовардашуда ҳамаҷониба, пурра ва холисона аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо бевосита тафтиш карда шаванд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Бо таҳлили ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки муҳокимаи ошкоро ба тарафҳои манфиатдор, хусусан ба судшаванда ва ҳимоятгари ӯ имкон медиҳад, ки итминон пайдо кунанд, дарк намоянд, ки дар рафти маҷлиси суд масъалаи гунаҳгорӣ дар содир намудани ҷиноят бо маҷмуи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ мегардад, тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар асоси далелҳои боэътимод, вақте ки ҳама гуна масъалаҳои бамиёномада мавриди таҳлил қарор гирифта, мухолифатҳои ҷойдошта бартараф гардида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, ҳал карда мешаванд. Ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ дар таркиби худ маҷлиси кушоди судӣ, имконияти озодонаи шинос шудани иштирокчиёни мурофиаро бо ҳамаи маводи парванда, аз он ҷумла бо маводе, ки ҳангоми чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯи дастрас шудаанд, бо супоришҳои (дастурҳои) прокурор, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ дода шудаанд (ба истисноӣ ҳолатҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд), дар бар мегирад (саҳ.175). Муайян шудааст, ки баҳри бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта, ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ мувофиқ мегардад, агар: а) дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он ҳангоми ҳалли масъалаҳои зерин, *муҳокимаи пешакии судӣ* бо иштироки тарафҳо баргузор шавад (муҳокимаи асосҳои қатъ ё боздоштани пешбурди ҳамин парванда; муҳокимаи ҳолатҳои вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ; зарурати интихоб, тағйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ; зарурати андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини рӯёнидани товони зарар, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шудааст; муҳокимаи масъалаи дар маҷлиси пӯшида баррасӣ шудани

парвандаи ҷиноятӣ; баррасии ариза ва дархостҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ. Мавсуф қайд мекунад, ки мавзуи аризаву дархости иштирокчиёни мурофиаи судӣ набояд «бо даъвати шоҳидони нав ё ғайриқобули қабул эътироф кардани далелҳо ва ғайраҳо» маҳдуд карда шавад (саҳ.183).

Зербоби чоруми боби сеюм ба «Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд» бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили амалияи судӣ муаллиф муайян кардааст, ки машваратчиёни халқӣ дар ҳайати суд ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба далелҳои ҷамъовардашуда мустақилона баҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода наметавонанд, дар ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ фаъол нестанд ва ҳамеша аз нуқтаи назари раисикунанда амал мекунанд, дар хонаи машваратӣ ба моҳияти масъалаҳо диққат намедиҳанд, ки ин ҳолат ба қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал шудани парвандаи ҷиноятӣ таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин пешниҳод шудааст, ки баҳри такмил додани сифати иштироки машваратчиёни халқӣ ва фаъолгардонии иштироки онҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, бо онҳо оид ба қонунгузории мурофиавии миллӣ, қарору тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳои ҳатмии такмили ихтисос ва санҷишҳои мутобиқи салоҳиятнокии касбӣ гузаронида шавад (саҳ.190).

Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки тибқи м.63 КМҶ ҶТ раддия иштирокчиёни мурофиаи судӣ танҳо нисбати судя ва машваратчиёни халқӣ ҳангоми моҳиятан баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Баҳри бартараф намудани норасоии меъёрӣ пешниҳод мешавад, тибқи қоидаҳои ҳамин боби КМҶ ҶТ ин қоидаҳо бояд нисбати котиби маҷлиси суд, тарҷумон, коршинос, мутахассис, ҳимоятгар, прокурор низ амал намоянд. Чунки иштирокчиёни мурофиаи судӣ низ, ки нисбати онҳо раддия оварда мешавад, оид ба ҳолатҳои ғалат ё эҳтимолӣ, ки ҳамчун асоси рад кардан оварда шудаанд, баёнот дода тавонанд ё ин ки имконият дошта бошанд ин ҳолатҳоро инкор намоянд. Дар матни меъёри номбаршуда «арзи дертари раддия» ҳам дар шакли номуайян ифода ёфтааст. Азбаски муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал пайдарҳам ҷараён мегирад «арзи дертари раддия» баъди тафтиши судиро дар назар дорад. Бинобар ин, ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ бояд ҳуқуқ дода шавад, ки то хотима ёфтани музокираи судӣ раддия изҳор карда тавонанд (саҳ.195).

Боби чорум ба «Масоили мубрами амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шуда, дар зербоби аввал «Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф тартиби ҳалли

масъалаҳоеро, ки ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ боиси маҳдуд гардидани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиавӣ мегардад, аз ҷумла пешбурди амалҳои тафтишӣ, чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавиро бо иҷозати суд мавриди таҳқиқот қарор дода муайян кардааст, ки кафолати баробарии тарафҳо ҳангоми ҳалли судии масъалаҳои номбаршуда пурра таъмин намешаванд. Чунки дар меъёрҳои номбаршуда: а) дар маҷлиси суд ҳуқуқи иштирок танҳо ба таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор дода шудааст (м.35 (2) КМҶ ҶТ). Тарафи ҳимоя ва шахсони манфиатдор аз ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси суд беасос маҳдуд карда шудаанд. Агар сухан дар бораи самаранокии амалҳои тафтишӣ равад ҳам, судя бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии адолати судӣ тарафҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд хабардор намуда, риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин намояд; б) Дар муҳокимаи судии баъзе аз масъалаҳои мурофиавӣ иштироки тарафҳо ҳатмӣ дониста нашудааст, аз ҷумла дар матни қисми 3 м.111 КМҶ ҶТ «тарафҳо, шахси дархост пешниҳоднамуда» имконияти иштироки сардори воҳиди таҳқиқ, сардори воҳиди тафтиш, муфаттиш ва таҳқиқбаранда,ҷабрдида ва намояндаи ӯро пешбинӣ кардааст, мухолифи дастрасии ҳама ба ҳифзи судӣ аст (саҳ.202).

Дар зербоби дуюми боби чорум масъалаи «Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ» мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ оид ба судшаванда эътироф шудани шахс якчанд шартҳои судшаванда эътироф шудани шахс пешбарӣ мешавад: 1) тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ хотима ёфта, парвандаи ҷиноятӣ бо суд аз рӯйи қоидаҳои тобеияти судӣ ирсол шуда бошад; 2) судя парвандаи ҷиноятиро бо фикри айбдоркунӣ ба пешбурди худ қабул ва ба ҳалли масъалаҳои дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинишуда шуруъ карда бошад; 3) судя дар бораи таъин кардани маҷлиси суд қарор қабул карда бошад. Амалӣ шудани ин пешниҳод имконият медиҳад, ки дар ин муҳлат судшаванда ва ҳимоятгари ӯ ба маҷлиси суд омода шаванд, то ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқҳои ҳимояро амалӣ намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии худро таъмин намоянд (саҳ.215).

Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷабрдида, ба андешаи муаллиф, аз фаҳмиши истилоҳоти «зарар», «шаъну шараф» бармеояд, ки дар амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъминшавии кафолати ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим аст. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ суд бояд, оқилона, одилона хулоса барорад, инчунин ҳадду имкониятҳои, воқеан, барқароршаванда будани зарари маънавӣ ба инобат гирифта шавад.

Пешниҳод мешавад, ки талаботи оқилона ва одилона, ки ба инобат гирифта мешаванд, ба ҳолатҳои воқеӣ, имконпазирӣ ва ба дараҷаи барқароршавии ҳуқуқҳои ҷабрдида мувофиқат кардани андозаи товони зарар ифода шавад. Тавсия шудааст, ки: а) аризаи шахс дар бораи рӯёнидани товони зарар, ки аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар натиҷаи вайронкунии қонун расидаро набояд шахсе, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро анҷом додааст, баррасӣ ва ҳал намояд; б) прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва судя дар ҷараёни баррасии аризаи рӯёнидани товони зарар вазифадор карда шаванд, ки маводи иловагиро мустақилона ҷамъоварӣ намоянд ё экспертиза таъин намоянд ва қарори таъини он ба аризадиҳанда эълон карда шавад (саҳ.224). Дар зербоби сеюми боби чорум масъалаи «Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» таҳлил шудааст. Таҳлили назария ва амалияи судӣ ба муаллиф имконият додааст муайян намояд, ки Баҳодиҳӣ аз рӯйи ақидаи ботинӣ на танҳо вазифаи суд, балки вазифаи тамоми мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки дар ҷараёни амалӣ гаштани он, пешакӣ қувваи эътимоднокии маълумоти ҷамъовардашуда нисбати якдигар истисно карда мешавад. Чунин қоидаи баҳодиҳӣ ба далелҳо дар натиҷа ба хулосабарории (ё қабули қарори) қатъӣ ва бешубҳа дуруст мусоидат мекунад. Хулосаи суд, судя дар ҳукм ифодаи худро меёбад, ки аз ҳулосаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё тарафи ҳимоя вобаста нест.Таҳқиқот нишон додааст, ки дарки ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии «ақидаи ботинӣ» ҷузъи маърифати ҳуқуқӣ аст. Мустақилона ва ё мантиқан хулосаи мустақилонаи суд, судя оиди бо далелҳо исбот карда шудани ҳолатҳои содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва мутобиқан бо татбиқ кардани меъёри дахлдори ҳуқуқ ҷамъбаст мешавад. Натиҷаи пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ бо хулосаи судя алоқаманд буда, мустақилияти судро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ талаб мекунад (саҳ.236). Пешниҳод шудааст, ки ба тафтиши иловагӣ ирсол шудани парванда танҳо бо дархости тарафҳо имконпазир бошад. Асоснок мешавад, ки чунин навгонӣ: а) ба амалӣ гаштани талаботи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва мубоҳиса пурра мувофиқат мекунад;
б) майл ё ҷонибдории айбдоркунии судро истисно мекунад; в) масъулияти мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаи ҷиноятиро то оғози муҳокимаи судӣ баланд мебардорад; г) ҳадди ваколатҳои суд ва муҳокимаи судиро мутобиқ ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ ва кафолати ҳифзи судӣ дақиқ мекунад (саҳ.246).

Дар зербоби чоруми боби чорум «Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти амалияи судӣ оид ба муҳоимаи судии парвандаҳои

ҷиноятӣ муайян шудааст, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ дар хонаи машваратӣ бештар ба хатогиҳои зерин роҳ дода мешавад:нодуруст татбиқ кардани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, хусусан дар нодуруст бандубаст кардани ҷиноят, дар татбиқи меъёри қонуне, ки набояд татбиқ мегардид; дар ҳукм нишон надодани қисм ё банди моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки суд онро татбиқ кардааст; нодуруст татбиқ кардани меъёри қонун дар бораи шарикӣ дар ҷиноят, тайёр кардан ва сӯиқасд ба ҷиноят; татбиқ кардан ё татбиқ накардани санади авф; вайрон кардани тартиби муқарраршудаи таъини ҷазои иловагӣ; нодуруст муайян кардани ҷойи иҷрои ҷазо дар муассисаи ислоҳӣ ва ғайраҳо. Тавсия шудааст, ки дар чунин мавридҳо салоҳиятнокии судяҳо, ки ба чунин хатогиҳо пайваста роҳ медиҳанд, бояд мавриди санҷиш қарор дода шавад. Бо мақсади таъмини одилона эътироф шудани ҳукм дар вақти таъин кардани ҷазо, судҳо бояд хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти судшаванда ва ҳолатҳои дигари парвандаи ҷиноятӣ, бартарафшаванда ё бартарафнашаванда будани зарар, нақши судшаванда дар фаророрасии оқибат, инчунин ҳолатҳои сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ва ҷазоро бояд ба ҳисоб гиранд. зарур аст, ки нисбати шахсоне, ки кирдори содиркардаи онҳо дорои таркиби ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна мебошанд, масъалаи имконияти бе татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ кардани онҳо ва дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани чунин шахсонро мутобиқи моддаҳои 72, 73, 74, 89 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима намоянд. Муаллиф тавсия кардааст, ки барои суд, судяҳо муҳим аст, ки талаботи қонунро, ки таъин намудани ҷазоҳои иловагиро муқаррар намудааст, ҳатман риоя намоянд, зеро дуруст татбиқ намудани онҳо барои фардикунонии ҷазо имконияти зиёд дода, тадбири муҳимми ислоҳ намудани маҳкумшудагон мебошад, ҳамчунин барои пешгирӣ кардани ҷиноятҳои нав мусоидат менамояд (саҳ.273).

Боби панҷум ба «Муаммои назария ва амалияи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» бахшида шуда, се зербобро фаро гирифтааст. Дар зербоби якуми боби панҷум масъалаҳои
«Боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ», ки ҳангоми муайян шудани ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо пешбурди якчанд амалҳои мурофиавӣ иборат аст, таҳлил шудааст. Диссертант нуқтаи тафсир ва назари гуногуни муаллифонро, ки шартҳои умумиро ҳамчун «қоидаи мурофиавӣ», «маҷмуи меъёрҳои мурофиавӣ», «муносибатҳои махсуси мурофиавӣ», «танаффуси муваққатӣ» ё

«муваққатан қатъ шудани ҷоришавии муҳлати мурофиавӣ», «роҳи мурофиавии бартараф кардани ҳолатҳои ба пешбурди парванда монешаванда» пешбарӣ кардаанд, мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода асоснок мекунад, ки онҳо мазмуни пурра ва дақиқи шартҳои умумии муҳокимаи судиро дар бар намегиранд (саҳ.282).

Муайян шудааст, ки бинобар боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, муваққатан иҷро нашудани амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, маънои ғайриимкон гаштани иҷрои онҳоро надорад, балки пешбурди минбаъдаи ин амали мурофиавӣ, ки бо мақсади таъмини иштироки тарафҳо дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, баробарҳуқуқии онҳо ва мубоҳиса, таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, исботи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ иҷро мешавад, танҳо баъди бартараф шудани монеаҳои мавҷуда муяссар мешавад. Вобаста аз марҳилаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, фарқияти асос ва тартиби боздоштани он мавриди тадқиқот қарор дода шудааст. Таҳлили муаллиф нишон медиҳад, ки фарқияти онҳо бо чунин хусусиятҳо муайян шаванд: а) пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ оид ба боздоштани пешбурди парванда; б) асос ва тартиби мурофиавии боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ; в) бинобар тобеияти тафтишотӣ ва судии парвандаҳои ҷиноятӣ; г) иҷрои амалҳои бартарафкунандаи монеаҳои ҷойдошта, ки боиси боздоштани пешбурди парванда гаштаанд (саҳ. 285).

Пешниҳод шудааст, ки дар ҳолатҳои бо қарори судя ё таъиноти суд боздоштани пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ (м.м. 265, 286 КМҶ ҶТ) муҳлати ниҳоӣ ва имконияти дароз кардани давомнокии муҳлати иҷрои чораҳое, ки барои бартараф кардани ҳолатҳои ба маҷлиси суд монеашавада муҳимманд, муайян карда шавад. Ин пешниҳод имконият медиҳад, ки: а) ҳолате, ки боиси боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гаштааст, сари вақт бартараф шавад; б) барои бартараф шудани ҳолатҳое, ки ба баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ монеъ шудааст, назорат ҷорӣ шуда, ҷорӣ шудани муҳлат низ таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор мегирад; в) фаъолияти муассисаи тиббӣ, ки муолиҷаро ба зимма гирифтааст таҳти назорати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарор дода шуда, ҳисси масъулиятшиносии онҳо баланд мегардад; г) барои таъмини кафолати ҳимояи шахсони аз ҷиноят зарардида дар ин муддат чораҳои амалӣ андешида мешаванд; д) рафтори зиддиҳуқуқии айбдоршаванда ва судшаванда, ки парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо боздошта шудааст, пешгирӣ карда мешавад (саҳ.305).

Дар зербоби дуюми боби панҷум «Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор

дода шудааст. Муаллиф дар ин қисмати рисола таносуби “ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парванда” ва “ба тафтиши нав ирсол кардани парвандаи ҷиноятӣ” мавриди таҳлил қарор додааст ва ба хулоса омадааст, ки: 1) ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то баргузории маҷлиси суд ва моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар марҳилаҳои ҳатмии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст; 2) ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои истисноии (ҳатмӣ нестанд) мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун салоҳияти истисноии суд пешбинӣ мешавад; 3) баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ, то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, ҳатман бекор карда шудани санадҳои қабулшудаи мурофиавӣ пешбинӣ намешавад; 4) дар сурати ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ, дар суди марҳилаи кассатсинӣ ва назоратӣ ҳатман бекор карда шудани санадҳои қаблан аз ҷониби суди марҳилаҳои поёнӣ қабулшудаи мурофиавӣ (ҳукм, қарор, таъинот) пешбинӣ мешавад; 5) асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои аз ҷониби судя ошкор шудани ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, то баргузории маҷлиси суд, пешбинӣ мешаванд (саҳ.308).

Пешбарӣ шудааст, ки дар назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба вайронкунии «ҷиддӣ» ва ё «ҷиддӣ нестанд» ҷудо кардан мутобиқи вазифаҳо, принсипҳо, таъинот ва ҳадафи мурофиаи ҷиноятии ватанӣ нест. Дар амалия ва назария чунин муқарраротихтилофи меъёрҳои амалкунанда ва шарҳу эзоҳи гуногуни қоидаҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён меорад, татбиқи дуруст ва дақиқи қонунро коҳиш медиҳад. Носаҳеҳ ё дар ихтилоф бо мазмуни меъёрҳои дигар ифода ёфтани матн ва мазмуни меъёри мурофиавӣ ба фаҳмиши маҳдуди қоидаҳои мурофиавӣ, ба маҳдуд шудани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа ва дар ниҳоят барои татбиқи нодурусти меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва қонуни ҷиноятӣ оварда мерасонад (саҳ.322).

Зербоби сеюми боби панҷум ба «Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шудааст. Истилоҳоти «шакли мурофиавӣ»,
«талаботи мурофиавӣ», «ифодаи кафолати мурофиавӣ», «тартиби расмии мурофиавӣ» мавриди муқоиса қарор дода шуда, расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки якчанд шартҳои дигарро

муттаҳид намуда,инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ мегардад. Аз назари муаллифӣ таърифи расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ пешбарӣ мешавад, ки тибқи он, тартиби таҳия ва қабули маҷмуи ҳуҷҷатҳои мурофиавиро меноманд, ки дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли муқарраркардаи қонун амалӣ мешавад. Дар ин санадҳо хулосаи мақомоти ваколатдор, инчунин мазмун, ҷараён ва натиҷаи амалҳои мурофиавӣ инъикос мешаванд. Расмиёти санадҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ҷузъи таркибии шакли мурофиавии ҷиноятиро ташкил медиҳад (саҳ.326). Тавсия мешавад, ки ҳангоми таҳияи санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ, дар матни санад бояд ба ҳар як маълумоти дар ҷараёни тафтиш ва ё баррасии парвандаи ҷиноятӣ ошкоршуда ё муайяншуда, дар бораи ҳолат, вазъияти ҳодисаи гузаштаи рухдода аз нигоҳи мансубият (дахлдорӣ), имконпазирӣ (ҷоизӣ), саҳеҳ (аниқ, боэътимод) будан ва ҳамаи маълумоти ҷамъоваришуда, дар маҷмуъ аз ҷиҳати кифоя будан барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ, баҳои холисонаи ҳуқуқӣ дода шавад (саҳ.340). Асоснок мешавад, ки дар қисми 3 м.9 КМҶ ҶТ бояд нишон дода шавад, ки «Қарори суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд қонунӣ, асоснок ва одилона бошад» (саҳ.344).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Н.М. Қаҳорзода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, ба татбиқшавӣ, риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти ҳокимияти судӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии

таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамоянд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои риоя ва иҷро шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ , таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти фаъолияти судӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар оид баислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Н.М. Қаҳорзода аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалияи судии татбиқи ҳуқуқ истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба асосҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумот ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти мурофиавии судии ҷиноятӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ислоҳоти соҳа истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи судии ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати амалигардонии ислоҳоти судӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, асосҳои адолати судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 55 маводи

илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 18 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст.

Диссертатсияи Н.М. Қаҳорзода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, инчунин аз камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез орӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Дар нуқтаи илмии пешбарӣ шуда аввалин маротиба ташаккулёбии қоидаҳои мурофиавии судӣ даврабандӣ шудааст. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ оид ба паҳлуҳои алоҳидаи таърихан шаклгирифтаи ба амалбарории адолати судӣ олимони соҳа андешаҳои гуногун доранд. Мехостам андешаҳои муаллифро оид ба қоидаҳои мурофиавӣ ё заминаҳои иҷтимоии он, ки то замони муосир расида, аҳаммияти ҳуқуқии худро гум накардаанд ошкоро шунавем?

2. Яке аз шартҳои муҳокимаи судӣ, ки пайваста мавзуи баҳсҳои назариявӣ мешавад, ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Оид ба тағйир дода шудани ҳадди муҳокимаи судӣ дар қиёс бо мавзуи он мехостам дар рафти ҳимояи ошкоро андешаи диссертант шунида шавад.

3. Дар тадқиқоти муаллифи диссертатсия, мавзуи назорати судӣ оид ба "иҷозат додан" ба пешбурди амалҳои тафтишӣ, татбиқи чораҳои пешгирӣ ё фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шахсро халалдор мекунад, муҳокима ва таҳлил мешавад. Лекин таносуби он бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ саҳеҳ нест. Мехостам нуқтаи назари муаллиф доир ба мафҳуми "назорати судӣ" ва мавзуи он дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, пайвастагии он бо шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар таҳқиқот пешбарӣ шудааст, ошкоро баён гардад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим буда, мураккаб ва баҳсбарангез мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Н.М. Қаҳозода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34

ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат оварда шудааст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос менамояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Насимҷон Мазбут Қаҳорзода сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ**:
Файзиев Шохруд Фармонович
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
доцент Директори Донишгоҳи
тадқиқотӣ

Имзои «______»- Файзиев Шохруд Фармоновичро тасдиқ менамоям. шахси масъул барои ҳуҷҷатҳо **Даврон Абсаматов**
**Суроғаи муқарриз:**
Тошканд шаҳри, ноҳияи Мирзо Улуғбек, кӯчаи Боғи Миллӣ 33
12.05.2026